**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ дар бораи фаъолияти илмии Содиқзода Моҳинав Саидҳомид, ба пешниҳоди диссертатсия дар мавзӯи «Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои гандум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Докторант PhD Содиқзода Моҳинав Саидҳомид дар мавзӯи «Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои гандум» рисолаи илмӣ омода намуда, онро ба пурраги ба анҷом расонидааст. Дар вақти иҷро намудани кори илмию таҳқиқотии худ ӯ усули нави таъсири коркарди тухмии навъҳои гандум бо пайвастагиҳои комплексӣ дар шароити лабораторӣ ва саҳроӣ зери таъсири омилҳои стрессӣ коркарда баромадааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи худ ӯ дар мавзӯи "Тарзи коркарди тухмии гандум пеш аз коштан / № TJ 1197. Дар феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.10.2021 ба даст овардааст.

Дар давоми таҳсил худ докторант Содиқзода Моҳинав Саидҳомид усулҳои мураккаби баҳодиҳии нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявиро аз худ намудааст, ки барои пешгӯи намудани таъсири омилҳои стрессорӣ арзишманд мебошанд. Вай дар асоси натиҷаҳои илмии ба даст овардааш дараҷаи мутобиқати растании гандумро ба омилҳои стрессӣ кор карда баромадааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Докторант доимо савияи донишашро дар бахшҳои биохимияи растаниҳо ва физиологияи растаниҳо маҳорати тҳлил намудани адабиётҳои зарурииро дар бахши кори илмияш фаъолона ва пайгирона таҳлил менамояд. Муаллифи 17 кори илмӣ аз ҷумлаи 3 мақолаи илмӣ дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Содиқзода М.С., айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи биохимияи факултети биологияи ДМТ фаолият намуда истода, дар байни ҳамкорону донишҷӯёни факултет обуру ва эҳтиром дорад.

Ҳамин тавр маҷмӯи натиҷаҳои илмии ба даст овардаи Содиқзода Моҳинав Саидҳомид, аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ мутахасиси таҷрибанок буда дар бахши "Физиология ва биохимияи растаниҳо" донишу малакаи баландро соҳиб гаштааст ва лоиқи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
узви пайвастаи АМИТ, доктори
илмҳои биологӣ, профессор Яқубова М.М.

Имзои М.М. Яқубоваро тасдиқ
мекунам, сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

10.01.2023